Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

№10 (207)
12 ОКТЯБРИ СОЛИ 2026
Огози нашр 18 декабри соли 2009

ҲАМГИИ ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МО БА НЕРУИ СОЗАНДАИ УСТОДОНУ ОМӮЗГОРОН ЭЪТИМОДИ ҚАВӢ ДОРЕМ

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон

03.10.2026



Устодон ва омӯзгоро-ни гиромӣ!
Муҳтарам кормандо-ни соҳаи маориф!

Ҳамаи шумороро ба му-носибати Рӯзи омӯзгорон самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, рӯзгори босао-дат ва дар фаъолияти касби-атон барору комёбӣ орзу менамоям.

Омӯзгорӣ аз ҷумлаи касбҳои пуршараф ва дар айни замон масъулияти бузург мебошад, зеро рушди давлат, пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллат аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва тарбияи наслҳое вобастагии мустақим дорад, ки бо заҳмати омӯзгорон ба камол мерасанд. Маҳз ба ҳамин хотир, аз рӯзҳои нахустини сохибистиқлолӣ таъмин намудани рушди илму маориф, фарохам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи наслҳои наврас ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Тоҷикистон аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок эълон карда шуд.

Дар тӯли 35 соли соҳибистиқлолӣ бо истифода аз тамоми имконияту захираҳо барои пешрафти соҳаи маориф корҳои зиёде анҷом дода шуда, ҷиҳати бехтар намудани шароити иҷтимоии кормандони соҳа ва дастгирии омӯзгорон талбирҳои доимӣ андешида мешаванд.

Мо ин равандро минбаъд низ идома мебахшем. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки дар шароити пешрафти босуръату бесобиқаи илму техника ва технологияҳо рисолати омӯзгор боз ҳам муҳимму масъулиятнок мегардад. Онҳо бояд наврасону ҷавононро ба омӯзиши илму донишҳои муосир, забонҳои хориҷӣ, аз ҳуд кардани технологияҳои замонавӣ, фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ ҳидоят карда, дар баробари ин, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳифзу гиромидошти таъриху фарҳанги ниёгон ва заҳматдӯстиву масъулиятшиносӣ тарбия намоянд.

Барои иҷрои ин рисолати муҳимму ояндасоз устодону омӯзгорон бояд сарҷалабу саҳтгир ва масъулиятшинос бошанд ва хусусан ба маълумоти баланд барзоштани сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ муносибати ҷиддӣ намоянд.

Устодону омӯзгорони мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки онҳоро давлату миллат аз мактабу маориф оғоз мекунад ва пояи фардои ободу пешрафтаи Тоҷикистонро омӯзгорони имрӯза бо донишу маърифат ва заҳмати содиқонаи худ мегузоранд.

Мо ба неруи созандаи аҳли маориф, таҷрибаи устодони рӯзгордидаву корозмуда ва талошу ташаббусҳои омӯзгорони ҷавон дар ҷодаи таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан ва миллат эътимоди қавӣ дорем.

Бо изҳори итминон ба ояндаи неки кишвари маҳбубамон, бори дигар ҳамаи устодону омӯзгорон, собиқадорон ва кулли кормандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрик мегӯям. Ба ҳар яки шумо саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар иҷрои рисолати пуршарафи омӯзгорӣ барору муваффақият орзу менамоям.

Ҷашни касбатон муборак бошад, устодону омӯзгорони азиз!

МЫ ТВЁРДО ВЕРИМ В СОЗИДАТЕЛЬНУЮ СИЛУ УЧИТЕЛЕЙ И ПЕДАГОГОВ

Поздравительное послание Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в честь Дня учителя

03.10.2026, город Душанбе

Уважаемые работники сферы образования!

Искренне поздравляю всех вас с Днём учителя и желаю вам крепкого здоровья, благополучной и счастливой жизни, успехов и достижений в вашей профессиональной деятельности.

Профессия учителя относится к числу наиболее почётных и вместе с тем предполагает огромную ответственность, поскольку развитие государства, прогресс общества и будущее нации напрямую зависят от уровня знаний, мировоззрения и воспитания поколений, которые благодаря труду учителей достигают зрелости.

Именно поэтому с первых дней Государственной независимости обеспечение развития науки и образования, создание благоприятных условий для обучения и воспитания подрастающего поколения, а также повышение статуса и авторитета учителя были объявлены одними из приоритетных направлений социальной политики государства и Правительства Таджикистана.

За 35 лет Государственной независимости проделана значительная работа по развитию сферы образования с использованием всех имеющихся возможностей и ресурсов, а также постоянно принимаются меры по улучшению социальных условий работников отрасли и поддержке учителей.

Мы и впредь будем продолжать этот процесс.

Поскольку мы хорошо понимаем, что в условиях стремительного и беспрецедентного развития науки, техники и технологий миссия учителя приобретает ещё большее значение и требует ещё большей ответственности.

Учителя должны направлять подростков и молодёжь к изучению современной науки и знаний, иностранных языков, освоению современных технологий, естественнонаучных и математических дисциплин, вместе с тем воспитывать их в духе патриотизма и любви к Родине, уважения к национальным ценностям, бережного отношения к истории и культуре предков, трудолюбия и ответственности.

Для выполнения этой важной и социальной миссии, определяющей будущее, наставники и учителя должны быть требовательными, принципиальными и ответственными, особенно серьёзно относиться к вопросам повышения качества обучения и воспитательной работы.

Наши педагоги и учителя всегда должны помнить, что будущее государства и нации начинается со школы и образования, а фундамент благоустроенного и процветающего Таджикистана завтрашнего дня закладывают сегодняшние учителя своими знаниями, просвещённостью и самоотверженным трудом.

Мы глубоко уверены в созидательной силе работников сферы образования, практике опытных и знающих жизнь педагогов, а также в стремлении и инициативах молодых учителей на пути обучения и воспитания будущих созидателей Родины и нации.

Выражая уверенность в светлом будущем нашей любимой страны, ещё раз искренне поздравляю всех педагогов и учителей, ветеранов и всех работников сферы образования с Днём учителя.

Желаю каждому из вас крепкого здоровья, благополучия и успехов в выполнении вашей почётной просветительской миссии.

С праздником вашей профессии, дорогие наставники и учителя!

www.president.tj



Омӯзгор

Эй сазовори ситоиш,
Эй сазовори ниёиш.
Гар хама ҳарфи накуе, ки башар
андар забони хеш дорад,
Дар сифоти ту бигӯям,
ин кам аст.
Гар ҳама меҳре, ки одам
дар дилу дар дида дорад,
Армуғон орам бароят,
ин кам аст.
Чашмаи оби бако дар синаи
туст,
Офтоби пурзиё дар дидаи
туст.
Кишти фарҳангу ҳунар
аз заҳматат миной бошад,
Оини ту некиву хушбахтиву
зебой бошад.
Ту кашоварзӣ ба маънии
дигар,
Ту кашоварзӣ, ки дар марзи
дили ҳар кӯдаке
Тухми некиву ҳақиқатро
бикорӣ,
Киштаҳоро дар баҳои чони
ҳуд сарсабз дорӣ.
Ту кашоварзӣ, равонро рӯзӣ
бахшӣ,
Ақлҳоро ҳикмати ҳудҷӯйи
бахшӣ...
Ҳамшабеҳи ту дигар дар
рӯйи дунё нест, нест,
Ҳамчу ту санъатваре, ки буд
воло нест, нест.
Ҳар қадар, ки ганҷи
донишро ба тифлон додай,
Боз ҳам доро бимонӣ,
Ҷовидонӣ, ҷовидонӣ.
Шаҳсутуни кохи миллат,
Эй аламбардори фитрат,
Ту баландӣ аз ситоиш,
Ту баландӣ аз ниёиш.

САРМАД

ОМӮЗГОРОН РАВШАНГАРОНИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ МИЛЛАТАНД

Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон

Ҳамкасбони азиз!
Омӯзгорон ва шогирдони арҷманд!



Истиқлоли давлатии ҷумҳуриро бо тулфҳои арзанда истиқбол гирифтанд ва дар ташкили ин ҷашни бошукӯҳу ифтихории Ватан хеле фаъолона ширкат варзиданд.

Дар киштвари маҳбуби мо омӯзгорон мақому мартабаи баланд доранд ва аз ин ҳост, ки дар радифи талбирҳои дигари ифодагари иззату эҳтиром ба онҳо ҳар сол рӯзи якшанбеи аввали моҳи октябр ҳамчун Рӯзи омӯзгорон таҷлил мешавад ва ин ҷашн пайваста бошукӯҳтару фарогиртар гардида, ҳамаҷунин, ба ҷашни ҳамагонӣ дар ҷумҳурии азизамон табдил ёфтааст.

Вокеан, омӯзгорон машъалафрӯзони ҷомеаанд, бо нури дониш роҳи ҳалро имрӯзу фардои миллатро равшанӣ мебахшанд ва ҳамвора ба он мекӯшанд, ки парчами илму маърифат ҳамеша парафшон бошад. Аҳли ҳирад барҳақ омӯзгорро ба офтобе мушобеҳ донистаанд, ки ба олам бо камоли ҳиммату саховат гармию ҳуррамӣ эҳдо мекунад, чаҳонро мунаввару пурнур месозад. Ҳикмати зер низ далели мақоми волои омӯзгор мебошад:

Беҳини фарди чаҳон омӯзгор аст,
Аз ӯ сарсабзу ҳуррам рӯзгор аст.

Ба шарофати сохибистиқлол гаштани ҷумҳуриамон ва дар замина сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф дар мамлакатамон соҳаи имтиёзнок эълон гардид ва омӯзгор ҳамчун бузургтарин сарвати маънавии миллату раҳнамои сохибхираду насли наврас шинохтаю эътироф шуд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзгори эҳтироми самимӣ ва тавоҷҷуҳи хоссаи доранд ва пайваста таъкид мекунанд, ки омӯзгор симои меҳрубони ҷомеа буда, тақдири имрӯзу фардои миллат ба фаъолияти ӯ ҳамбастагии устувор дорад. Дар оғози соли таҳсили равон зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ, ки дар муассисаи таълимии №102-и пойтахт баргузор гашт, Сарвари кишвар боз ҳам ба нақши бузургу тақдирсози омӯзгорон дар пешрафту шукуфоӣ ва ободии Ватани азизамон таъкид карда, аз ҷумла, иброз дошт: «Бо қаноатмандию ифтихор мехоҳам иброз намоям, ки заҳмати омӯзгорон ва аҳли маорифи кишвар дар роҳи тақвияти Истиқлоли давлатӣ, тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ, раҳнамоӣ кардани мардум ба таҳкими сулҳу ваҳдат ва таълиму тарбияи шоистаи насли даврони истиқлол бисёр назаррас ва шоистаи таҳсину қадрдонӣ мебошад».

Боиси шарафмандист, ки аҳли маориф 35-умин солгарди Маҳз бо дастуру ибтикори Пешвои миллат бо ҳадафи боз ҳам боло бурдани обрӯю эҳтиром ва мақому мартабати омӯзгор дар ҷумҳурии сохибистиқлоли мо Қонуни «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул гардид, ки дар ҳақиқат, марҳалаи наверо дар ҳаёт ва фаъолияти аҳли таълиму тарбия ифтитоҳ бахшид.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар Ватани маҳбубамон барои фаъолияти бамаҳсъяту босамари аҳли маориф шароити соҳгор ва имконоти васеъ фароҳам оварда шудааст. Имрӯз устодони мо дар таълимгоҳҳои мухташами замонавӣ ва мучаҳҳаз бо технологияҳои зарурии муосир ба таълиму тарбияи шоистаи насли наврас машғуланд ва бо дастуру раҳнамоҳои таълимиро методӣ комилан таъмин мебошанд.

Ба шарофати фаъолияти фарогиру ҳадафмандонаи омӯзгорон сатҳу сифати таҳсилот дар тамоми муассисаҳои таълимии мамлакат давра ба давра беҳтар мешавад ва шогирдони мо дар баробари омӯзиши ҳамарӯза дар озмуну сабқатҳои ватанию хориҷӣ ба пирӯзиҳо ноил мегарданд. Иштироки теъдоди бузурги хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи дониш китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Шоҳномахонӣ» бозгӯи дигари фаъолияти босамари омӯзгорони шарафманди мо мебошад.

Омӯзгорони кишвар дар корҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, таҳкими пояҳои давлату давлатдории миллӣ ва дар тарғиби ғояҳои олии ватандӯстию сулҳу ваҳдатпарастӣ ширкати ҳамешагию фаъол доранд. Ба ин гуна, аҳли маориф дар татбиқи сиёсати хирадмандӣ маърифатпарвариро Пешвои миллат ҳиссаи саҳовору файзбор мегузоранд. Бовар дорам, ки аз ин пасҳо корномаи шарафмандонаи устодони сарбаланди мо минбаъд боз ҳам вусъат хоҳад ёфт.

Ба ифтихори фарҳунданишини Рӯзи омӯзгорони тамоми устодону омӯзгорони муҳтарам ва алоқамандони соҳаи маориф, ҳамчунин, кулли мардуми шарафманди диёри арҷмандамонро самимона табрик мегӯям.

Ба аҳли таълиму тарбия пирӯзиҳо комёбиҳои навин ва идомаи фаъолияти самарбор таманно дорам.

Рӯзи омӯзгорон муборак!

РОҲНАМОВУ РОҲКУШОИ АҲЛИ БАШАР

Паёми табрикии раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулҳия Нозакзода ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон



Рӯзи омӯзгорон дар Тоҷикистон ҷашни арҷгузорӣ ба хидматҳои аҳли маърифат, бузургдошти мақому мартабати омӯзгор ва тачассуми эҳтироми ҷомеа ба шахсиятҳое мебошад, ки бо нури дониш ҳирад роҳи зиндагии наслҳоро равшан месозанд. Ба ин муносибат, ҳамаи омӯзгорон, устодон ва кормандони соҳаи маорифи кишварро самимона табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо саломатии бардавом, рӯзгори обод, саодати зиндагӣ ва дар ичрои рисолати пуршарафи омӯзгорӣ комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Омӯзгор дар ҳама давру замон ҳамчун неруи созандаи ҷомеа, тарбиятгари наслҳо ва раҳнамои инсон ба сӯйи маърифату камолот мақоми хосса доштааст. Маҳз бо заҳмати содиқонаи ӯ инсон нахустин қадамҳои ҳудро ба ҷаҳони дониш мегузорад, неку бадро мешиносад, ҷаҳонбинаш ташаккул меёбад ва барои хидмат ба ҷомеаву давлат омода мегардад. Аз ин рӯ, эҳтиром ба омӯзгор дар асл эҳтиром ба илму маърифат, ояндаи миллат ва арзишҳои волои инсонӣ мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки дар Тоҷикистони сохибистиқлол соҳаи маориф таҳти тавоҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сарвари давлат мактабро боргоҳи илму маърифат ва омӯзгорро шахсияти мафкуракӯз, тарбиятгари насли ояндагӯ ва неруи пешбарандаи ҷомеа арзёбӣ намуда, рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ичтимоии давлат муайян кардаанд.

Бунёди наҳсозии муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия, дасттирӣи омӯзгорон ва андешидани тадбирҳои пайваста ҷиҳати баланд бардоштани мақоми ичтимоии онҳо аз тавоҷҷуҳи хоссаи Роҳбарияти олии кишвар ба ин соҳаи ҳаётан муҳим шаҳодат медиҳанд. Дар ин замина, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қадами муҳим дар самти таҳкими мавқеи омӯзгор дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ ва баланд барҳоштани нуфузи касби омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад.

Вокеан, омӯзгор ташҳо таълимдиҳандаи илму дониш набуда, ӯ меъмори маънавии ҷомеа, парваришгари андеша, бедоркунандаи эҳсоси ҳудшиносиву ватандӯстӣ ва роҳкушои инсон ба сӯйи зиндагии шоиста мебошад. Дар паси ҳар даставарди илмӣ, ҳар пешрафти ҷомеа ва ҳар муваффақияти инсон заҳмати омӯзгоре қарор дорад, ки бо сабру таҳаммул, муҳаббат ва садоқат тухми маърифат кошташт. Аз ҳамин ҳост, ки қадру мансалати омӯзгорро бо ҳеҷ меъёри модӣ наметавон муайян кард.

Бо эҳсоси қаноатмандиву ифтихор метавон гуфт, ки омӯзгорони ватандӯсту соҳибмаърифати Тоҷикистон дар таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ, тарғиби арзишҳои миллӣ, ташаккули ҳудшиносии насли наврас ва тарбияи фарзандони шоистаи Ватан саҳми арзанда мегузоранд. Онҳо бо фаъолияти содиқонаи ҳуд барои фардои ободу осудаи кишвар замина мегузоранд ва рисолати бузурги инсонсозии ҳешро сарбаландона ичро менамоянд.

Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ, ичтимоӣ ва иқтисодии омӯзгорон, мусоидат ба беҳтар гардонидани шароити кору зиндагии онҳо ва арҷгузорӣ ба заҳмати аҳли маорифро аз вазифаҳои асосии ҳуд медонад. Мо бар он боварем, ки эҳтироми поёнӣ ба омӯзгор бояд дар баробари суханони нек, дар муносибати шоиста, ҳимояи ҳуқуқ, қадршиносии заҳмат ва фароҳам овардани шароити арзанда фаъолияти касбии ӯ таҷассум ёбад. Зеро омӯзгоре, ки ҳудро дар ҷомеа сохибэҳтиром ва аз ҷиҳати ичтимоиву ҳуқуқӣ ҳимояшуда эҳсос мекунад, бо дилгармӣ ва масъулияти бештар ба таълиму тарбияи насли оянда машғул мегардад.

Дар ин рӯзи фарҳунда меҳоҳам ба ҳамаи омӯзгорону устодони азиз барои заҳмати шабонарӯзӣ, саодат ба касб, муҳаббат ба шогирдон ва саҳми беназиранашон дар рушди ҷомеа изҳори сипосу миннатдорӣ намоям. Шумо бо нури маърифат торикиҳои ҷаҳолатро рафъ месозед, бо сухани нек дар қалби шогирдон умед месафаред ва бо ҳидоятҳои ҳирадмандона роҳи фардои онҳоро равшан мекунед.

Бори дигар, ҳамаи омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрик гуфта, бароишон тансиҳативу ҳотирҷамъӣ, рӯзгори босаодат, сарбаландиву некномӣ ва дар фаъолияти пуршарафи таълиму тарбияи насли наврас дастоварҳои арзанда таманно дорам.

Бигзор чароғи маърифате, ки шумо меафрӯзед, ҳамеша фурӯзон ва мақому мансалататон дар ҷомеа баланд бошад!

Рӯзи омӯзгорон муборак, омӯзгорони арҷманд!

ТАҶЛИЛИ БОШУКӮҲИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН

3 октябри соли 2026 дар шаҳри Душанбе чорабинии тантанавӣ бахшида ба Рӯзи омӯзгорон баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм, собиқадорони соҳа, намояндагони дигар вазорату идораҳо ва омӯзгорону мураббиён иштирок намуданд.



Вазири маориф ва илм чорабиниро оғоз намуда, хонанда ва дар симои онҳо тамоми омӯзгорони кишварро ба муносибати Рӯзи омӯзгорон самимона табрику таҳният гуфт. Вазири маориф ва илм зимни суханронӣ аз нақши арзанда ва заҳматҳои содиқонаи омӯзгорон дар таълиму тарбияи насли наврас, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва рушди соҳаи маориф ёдовар шуда, ба омӯзгорону мураббиён барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаашон дар пешрафти ҷомеа изҳори сипос намуд.

Сипас, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ироаи Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон чорабиниро илома дод. Мавсуф дар суханронӣ аз номи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгорону мураббиёнро ба муносибати иди касбашон самимона табрику таҳният гуфта, барои хизмати содиқона, заҳмати созанда ва саҳми арзандаашон дар рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас арзи сипос намуд. Таъкид гардид, ки омӯзгорон ҳамчун тарбиятгарони насли нав дар таҳкими маърифату фарҳанг, ҳудшиносии миллӣ, рушди неруи инсонӣ ва бунёди ояндаи дурахшони кишвар нақши муҳим доранд.

Гуфта шуд, ки барои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои назаррасро амалӣ намуда, рушди соҳаи маорифро дар маркази сиёсати давлатӣ қарор додааст. Омӯзгорон дар ташаккул ва рушди маърифати аҳли ҷомеа вазифаи басо муҳиммеро таърихӣ доштаанд. Ҳукумати кишвар талош мекунад, ки барои фаъолияти онҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Дар идомаи чорабинӣ голибони озмунҳои ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон» ва «Омӯзгори соли Тоҷикистон» эълон ва бо мукофотҳои пулӣ, дипломҳои фахрӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд. Ҳамчунин, як қатор собиқадорони соҳа бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ бо иштироки ҳунармандони шинохтаи кишвар баргузор шуд. Барнома бо ичрои сурудҳо ва раксу навоҳои миллӣ ҳотири иштирокчиёнро болида гардонид ва фазои идоиро таҳкият бахшид.

ДИЛРАБОИ ҲОТАМШО - МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2026

3 октябри соли 2026 зимни таҷлили Рӯзи омӯзгорон маросими расмии ҷоизасупории ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон - 2026» баргузор гардид.

Озмуни мазкур бо ҳадафи ҷалби мураббиёни боистеъдод, эҷодкор ва кордон, инчунин ҳавасмандсозӣ ва дастгирии фаъолияти онҳо дар самти таълиму тарбия роҳандозӣ шуда, беҳтарин мураббиён аз муассисаҳои томактабӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ муайян гардиданд.

Соли равон ба даври ниҳоии озмун панҷ мураббии беҳтарин аз минтақаҳои гуногуни кишвар ширкат варзиданд. Аз миёни онҳо Дилрабои Ҳотамшо – мураббияи муассисаи таълимии томактабии №7-и «Булбулакон»-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сазовори Ҷоми ғолиб, Диплом ва мукофоти пулии озмун ба маблағи 10 000 сомонӣ гардид.

Ҳамзамон, дигар иштирокчиёни фаъолу боистеъдод бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва туҳфаҳои махсус қадрдонӣ шуданд.



ШАРИФЗОДА ШАРИФ - ОМӮЗГОРИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2026



3 октябри соли 2026 зимни таҷлили Рӯзи омӯзгорон маросими расмии ҷоизасупории ғолибони озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2026» баргузор гардид.

Озмуни мазкур бо мақсади таҳкими сатҳу сифати таълим, дастгирии омӯзгорони соҳибистеъдод ва эҷодкор, инчунин баланд бардоштани мақому ҷойгоҳи касби омӯзгорӣ баргузор гардида, ҳамасола микёси иштирок ва сатҳи касбии довталабонро тавсеа мебахшад.

Дар натиҷаи ҷамъбасти озмун Шарифзода Шариф - омӯзгори Гимназияи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ғолиби озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2026» эълон гардида, бо Ҷоми озмун, Диплом ва мукофоти пулӣ ба маблағи 30 000 сомонӣ сарфароз гардонида шуд.

Ҳамзамон, дигар иштирокчиёни фаъолу боистеъдод бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ва туҳфаҳои махсус қадрдонӣ шуданд.

МАҶЛИСИ РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

8 октябр дар маҷлисгоҳи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати З.Ноҷикзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори маҷлис аъзоёни раёсат, сардорони воҳидҳои сохтории Иттифоқи касабаи маориф ва илм ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Дар маҷлиси раёсат нахуст ҳисоботи раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм оид ба фаъолияти Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2026 шунида шуд.

Дар идомаи маҷлис оид ба ҷамъбасти истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2026 И.Ҳуҷаев-сармутахассиси раёсати молия, баҳисобгирӣ ва хоҷагидорӣ, оид ба иҷрои назорати ҷамъиятии рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2026, №178 «Дар бораи сариваќт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар мавсими тирамоҳ ва зимистони солҳои 2026-2027» дар ташкилотҳои соҳа, оид ба вазъи назорати ҷамъиятии риояи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва





дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбии аъзои иттифоқи касаба дар раёсат, шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Турсунзода ва ноҳияҳои Муъминобод, Ҳамадонӣ, Фархор М.Қурбонов-муовини раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба вазъи иҷрои вазифаҳои оинномавӣ, низоми коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, иҷрои бандҳои созишнома ва шартномаи коллективӣ дар Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ ва Шаҳристон Қ.Раҳимов- сардори раёсати кор бо кадрҳо, ташкилӣ ва коргузорӣ, оид ба вазъи назорати ҷамъиятии рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» аз тарафи ташкилотҳои соҳа К.Сангинов-сарнозири ҳуқуқи меҳнати шуъбаи ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқ, оид ба фаъолияти Иттифоқи касабаи кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ф.Ёрзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузориш доданд.

Дар фарҷоми маҷлис раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм ҷиҳати таъмини иҷрои сариваќтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тарғибу ташвиқи Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» дар байни кормандон, коллективҳои меҳнатӣ, қарорҳои пленум, раёсат, нақшаи чорабиниҳо, дар сатҳи баланд ташкил ва баргузории Рӯзи иттифоқҳои касаба – 24 октябр, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 6 ноябр, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 16 ноябр, Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 24 ноябр ба аъзоёни раёсат, раисони ташкилотҳои соҳа дастуру супоришҳои мушаххас дод.

РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ВМКБ

Дар толори маҷлисгоҳи Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилоят бо иштироки Мавлоназар Марамбек-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ВМКБ ва аъзоёни раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят ҷаласаи раёсат баргузор гардид. Мавлоназар Марамбек аз ташрифи Пешвои муаззами миллат ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон истиқбол намуда, таъкид кард, ки вобаста ба татбиқи амалии дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон ва дигар табақаи аҳолии вилоят, ки санаи 28.09.2026 баргузор гардид, дар байни аъзоёни иттифоқи касабаи шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои тарғиботиро ба роҳ монданд.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа ҳисоботи раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ВМКБ дар нуҳ моҳи соли 2026 шунида шуд.

Дар идома, инчунин, масъалаҳо дар бораи ҷамъбасти истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон дар соли 2026, вазъи иҷрои риояи талаботи моддаи 333 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти маблағҳои сафархарҷӣ, ҷамъбасти маҷлисҳои ҳисоботӣ-интихоботӣ дар ташкилотҳои ибтидоӣ, таъмини омӯзгорони ҷавон бо имтиёзҳои муқарраргардида, дар бораи омодагии муассисаҳои таълимӣ ба давраи зимистонгузаронии солҳои 2026-2027 ва дигар масъалаҳо мавриди муҳокима қарор дода шуда, ҳисоботи раисони Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят оиди фаъолияти нуҳ моҳи соли 2026 шунида шуд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа ба раисони иттифоқҳои касабаи кормандони маорифи шаҳру ноҳияҳо вилоят оиди беҳтар намудани фаъолияти иттифоқи касаба дастуру супоришҳо дода шуданд.

ҶАЛАСАИ РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАРГУЗОР ГАРДИД



2 октябри соли 2026 дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҷаласаи раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон баргузор гардид, ки дар он М. Шиlinзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон, раисони ташкилотҳои ҳудудӣ, кормандони дастгоҳ ва дигар масъулон иштирок намуданд.

Зимни ҷаласа ҳисоботи раиси Иттифоқи касаба оид ба фаъолияти ташкилот дар нуҳ моҳи соли 2026 баррасӣ гардида, қаноатбахш арзёбӣ шуд.


Ҳамчунин, масъалаҳои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ, риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва низоми коргузорӣ дар Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои вилояти Хатлон, ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф ва иттифоқҳои касабаи ноҳияҳои Вахш ва Шамсиддини Шоҳин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Вазъи баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои иттифоқи касабаи ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрав низ муҳокима шуд.

Дар доираи рӯзномаи ҷаласа ба омодагии муассисаҳои таълимӣ ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027, риояи қоидаҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Восеъ, инчунин, рафти иҷрои қарор оид ба имтиёзҳои омӯзгорони ҷавон таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Натиҷаҳои ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон дар соли 2026 низ ҷамъбаст шуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, масъулон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда, тақвияти назорати ҷамъиятӣ, беҳтар намудани кор бо мурочиатҳо ва вусъат бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба имтиёзҳои омӯзгорони ҷавон вазифадор гардиданд.

Ҳамзамон, дар ҷаласа як қатор масъалаҳои ҷорӣ баррасӣ гардида, ба раисони ташкилотҳои ҳудудӣ ҷиҳати тезонидани раванди гузариш ба барномаи «1С:Муҳосибот» дар ташкилотҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, таъмини саҳеҳият ва шаффофияти баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин дар сатҳи баланд ташкилӣ баргузор намудани чорабиниҳо бахшида ба Рӯзи омӯзгор ва Рӯзи иттифоқҳои касаба дастуру супоришҳо дода шуданд. Дар ин замина, ба қадршиносии омӯзгорону собиқадорони соҳа, дастгирии аъзои ниёзманди Иттифоқи касаба, таҳкими интизоми молиявӣ ва назорати сариваќтии иҷрои қарорҳои қабулгардида таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

РАЁСАТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ВИЛОЯТИ СУҒД



Дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таҳти раёсати М.Самиғзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд ҷаласаи раёсати Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд доир гардид.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа дар оғоз ҳисоботи раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят дар нуҳмоҳи соли 2026 шунида шуд.

Дар идома, инчунин, вазъи иҷрои қарорҳои пленум, раёсат, нақшаи чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, иҷрои вазифаҳои оинномавӣ, ҳимояи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии кормандон, низоми коргузорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ дар Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияи Ашт, рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" дар Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ш.Гулистон, Маркази таҳсилоти иловагии вилояти Суғд, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд ва ташкилотҳои ҳудудӣ (гузориши Саидфиддинов Ф.), дар бораи ҷамъбасти истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон дар соли 2026 (гузориши Темурова М.), вазъи иҷрои риояи талаботи моддаҳои 333, 335 ва 348 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои бандҳои шартномаҳои коллективӣ, иҷрои фармоиши ВМҶТ аз 24 ноябри соли 2004 №844 аз шуъбаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаҳри Истиқлол, ноҳияи Зафаробод, Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Зафаробод ва ноҳияи Спитамен (гузориши Ҳайдаров Д.) шунида шуд.

Дар рафти раёсат дигар масъалаҳои ҷорӣ дар асоси нақша баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – ОМИЛИ ТАҲКИМИ ҲАМБАСТАГИИ КАСБӢ

Дар ҷаҳони муосир рушди устувори соҳаи маориф ва илмро бидуни густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули таҷриба ва таҳкими робитаҳои касбӣ тасаввур кардан душвор аст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, пешрафти технологияҳои иттилоотӣ, тағйирёбии талаботи бозори меҳнат ва афзоиши нақши донишро дар рушди ҷомеа зарурати ҳамкории бештари ташкилотҳои соҳавиро ба миён овардаанд. Дар ин раванд иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илм ҳамчун нақшҳои муҳимми ҷамъиятӣ дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии кормандон, беҳтар намудани шароити меҳнат ва таҳкими мақоми омӯзгорону аҳли илм нақши назаррас доранд.



Пашаев Араз Надир оглы- Председатель Профсоюза работников науки и образования Азербайджанской Республики



Мукашева Айгуль Максатовна- Председатель Казахстанского отраслевого профсоюза работников просвещения, науки и высшего образования



Боёнов Саламат Акылбекович- Председатель Профсоюза работников образования и науки Кыргызской Республики



Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди муносибатҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҳампешаи кишварҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои касбӣ бо иттифоқҳои касабаи соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷумлаи самтҳои муҳимми фаъолияти байналмилалии ин ниҳод ба шумор мераванд.

Аҳаммияти ҷунин ҳамкориҳо, пеш аз ҳама, дар умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳои ташкилотҳои иттифоқҳои касаба зоҳир мегардад. Новобаста аз хусусиятҳои низоми маориф, конъюнктураи меҳнат ва шароити иҷтимоии ҳар кишвар, ҳаман ин ташкилотҳоро як рисолати муштарак муттаҳид месозад: ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон, мусоидат ба таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, беҳтар намудани шароити корӣ зиндагӣ ва баланд бардоштани эътибори касби омӯзгорӣ.

Яке аз шарикони ҳамкории Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттифоқи касабаи кормандони илм ва маорифи Ҷумҳурии Озарбойҷон мебошад, ки роҳбарии онро Араз Надир оглу Пашаев ба уҳда дорад. Робитаҳо бо ин ташкилот барои таквияти муносибатҳои касбӣ ва омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар дар масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳа аҳаммият доранд. Муштарак будани манфиатҳои касбӣ ва ҳадафҳои иҷтимоӣ заминаи мусоидеро барои рушди минбаъдаи муносибатҳои дучониба фароҳам меорад.

Ҳамкориҳо бо Иттифоқи касабаи соҳавии кормандони маориф, илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки раиси он Айгул Максатовна Мукашева мебошад, низ дар доираи робитаҳои байналмилалии ташкилот мавқеи муҳим доранд. Таҷрибаи ташкилотҳои соҳавӣ дар масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди шариконии иҷтимоӣ, дастгирии кормандони муассисаҳои таълимӣ ва ҳимояи манфиатҳои омӯзгорону олимон метавонад барои чонибҳо судманд бошад.

Дар ин замина, муносибатҳои ҳамкорӣ бо Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон, таҳти роҳбарии Саламат Акылбекович Боёнов низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Наздикии таърихию фарҳангӣ, умумияти бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳадафҳои муштараки ташкилотҳои соҳавӣ барои таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва густариши табодули таҷриба имкониятҳои мусоид ба вуҷуд меоранд.

Иттифоқи касабаи ҷумҳурияви соҳавии ташкилотҳои кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Арманистон, ки ба он Григор Гарибян роҳбарӣ мекунад, аз дигар ташкилотҳои ҳамкори Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Робитаҳои касбӣ бо ин ташкилот низ метавонанд ба омӯзиши равишҳои гуногуни фаъолияти иттифоқҳои касаба, такмили механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва густариши муносибатҳои байни ташкилотҳои соҳавӣ мусоидат намоянд.

Дар миёни шариконии байналмилалӣ ҳамкориҳо бо Шурои ҷумҳурияви Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки раиси он Равшан Мэлсович Бедилов мебошад, аҳаммияти хос доранд. Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро робитаҳои амиқи таърихӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои муштараки маърифатӣ ба ҳам пайванданд. Таҳкими муносибатҳои дӯстона миёни ду давлат барои густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, маориф, илм ва фаъолияти иттифоқҳои касаба заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

Арзиши воқеии моҳияти ҳамкориҳои байналмилалии иттифоқҳои касаба дар имконияти омӯзиши таҷрибаҳои муваффақ, дарёфти роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва истифодаи усулҳои самараноки ҳимояи манфиатҳои кормандон ифода меёбад.

Масалан, масъалаҳои марбут ба таъмини шароити арзандаи меҳнат, ҳифзи саломатии кормандон, дастгирии омӯзгорони ҷавон, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ, рушди муколамаи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аъзои иттифоқҳои касаба аз ҷумлаи мавзӯъҳое мебошанд, ки метавонанд мехвари ҳамкориҳои муштараки ташкилотҳои соҳавӣ қарор гиранд.

Дар баробари ин, табодули таҷриба дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, такмили низоми хизматрасонӣ ба аъзоён ва баланд бардоштани самараноки фаъолияти сохторҳои ибтидоӣ низ аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунад.

Дар шароите ки талабот ба сифати таҳсилот ва фаъолияти илмӣ пайваста меафзояд, масъалаи таъмини шароити мусоиди меҳнат барои омӯзгорон ва кормандони илмӣ аҳаммияти бештар касб менамояд. Омӯзгоре, ки аз ҳуқуқҳои меҳнатии худ огоҳ аст, аз кафолатҳои иҷтимоӣ бархӯрдор мебошад ва дар симои иттифоқи касаба ҳомии боэътимодро мебинад, метавонад бо эътимоди бештар ба иҷрои рисолати касбии худ машғул гардад.

Аз ин рӯ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ барои иттифоқҳои касаба имконияти муҳимми таҳкими иқтидори ташкилӣ ва касбӣ мебошад. Омӯзиши таҷрибаи ҳамдигар метавонад ба таҳияи ташаббусҳои нав, такмили шаклҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани нақши ташкилотҳои иттифоқҳои касаба дар ҳаёти иҷтимоии кормандони соҳа мусоидат намояд.

Ҷанбаи дигари муҳимми ҷунин муносибатҳо таҳкими дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни намояндагони ҷомеаи омӯзгорӣ ва илмии кишварҳои гуногун мебошад. Зеро маориф ва илм аз муҳимтарин василаҳои наздиксозии халқҳо ба шумор мераванд. Омӯзгорон, олимон ва кормандони муассисаҳои таълимӣ, новобаста аз мансубияти миллӣ ва забонӣ, дар роҳи расидан ба ҳадафи муштарак – тарбияи насли соҳибмаърифат ва рушди ҷомеа саҳм мегузоранд.

Дар ин замина, муносибатҳои ҳамкорӣ бо ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон ва Ӯзбекистон барои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти муҳимми таъсиси робитаҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамбастагии касбӣ мебошанд.

Дурнамои ҷунин ҳамкориҳо метавонад бо ташкили мулоқоту машваратҳои муштарак, баргузории ҳамоишҳои соҳавӣ, табодули иттилооту таҷрибаи пешқадам ва таҳияи ташаббусҳои судманд барои беҳтар намудани шароити иҷтимоию иқтисодии кормандони маориф ва илм алоқаманд бошад.

Дар маҷмуъ, ҳамкориҳои байналмилалӣ яке аз омилҳои муҳимми таҳкими мавқеъ ва нуфузи ташкилотҳои иттифоқҳои касаба ба ҳисоб мераванд. Густариши робитаҳои дӯстона ва касбӣ, истифодаи таҷрибаи ҳамдигар ва талошҳои муштарак дар самти ҳифзи манфиатҳои кормандон метавонанд ба рушди фаъолияти ин ташкилотҳо такони тоза бахшанд.

Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба анъанаҳои ҳамбастагӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва шарикии иҷтимоӣ ба таҳкими муносибатҳои судманд бо ташкилотҳои ҳампешаи кишварҳои дӯст таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Зеро ҳадафи ниҳоии ҷунин ҳамкориҳо мусоидат ба беҳтар гардидани шароити меҳнату зиндагии кормандони соҳа, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор ва аҳли илм дар ҷомеа мебошад.

В современном мире устойчивое развитие образования и науки невозможно представить без расширения международного сотрудничества, обмена опытом и укрепления профессиональных связей. Процессы глобализации, стремительное развитие информационных технологий, изменение требований рынка труда и возрастающая роль знаний в общественном развитии обусловливают необходимость более тесного взаимодействия отраслевых организаций. В этих условиях профсоюзы работников образования и науки как важные институты гражданского общества играют значительную роль в защите социально-экономических прав и интересов работников, улучшении условий труда, повышении общественного статуса педагогов и представителей научного сообщества.

МЕЖДУНАРОДНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО – ВАЖНЫЙ ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ СОЛИДАРНОСТИ

Профсоюз работников образования и науки Республики Таджикистан уделяет особое внимание развитию сотрудничества с родственными организациями зарубежных стран. Дружественные отношения и профессиональные связи с отраслевыми профсоюзами Азербайджанской Республики, Республики Казахстан, Кыргызской Республики, Республики Армения и Республики Узбекистан занимают важное место в международной деятельности организации.



Значимость такого сотрудничества определяется прежде всего общностью целей и задач профсоюзных организаций. Несмотря на различия в национальных системах образования, трудовом законодательстве и социально-экономических условиях, их объединяет единая миссия – защита трудовых прав работников, содействие обеспечению социальных гарантий, улучшение условий труда и жизни, а также повышение престижа педагогической профессии.

Одним из партнёров Профсоюза работников образования и науки Республики Таджикистан является Профсоюз работников науки и образования Азербайджанской Республики, возглавляемый Аразом Надир оглы Пашаевым. Взаимодействие с этой организацией имеет важное значение для укрепления профессиональных связей и взаимного изучения опыта в области социальной защиты работников отрасли. Общность профессиональных интересов и социальных задач создаёт благоприятную основу для дальнейшего развития двусторонних отношений.

Важное место в системе международных связей занимает также сотрудничество с Казахстанским отраслевым профсоюзом работников просвещения, науки и высшего образования, председателем которого является Айгуль Максатовна Мукашева. Изучение опыта отраслевых профсоюзных организаций в сфере регулирования трудовых отношений, развития социального партнёрства, поддержки работников образовательных учреждений и защиты интересов педагогов и учёных представляет взаимный интерес и открывает дополнительные возможности для плодотворного взаимодействия.

